# Course name: National economy

## Week 9: *Infrastructure of the national economy in modern conditions*

## Номи фан: Иқтисоди миллӣ

*(National economy)*

### МАВЗӮИ 9. Инфрастохтори иқтисоди миллӣ дар шароити мӯосир

**1. Моҳият ва вазифаҳои инфрасохтори иқтисоди миллӣ**
**2. Таснифот (гурӯҳбанди)-и инфрасохтор**
**3. Тавсифи соҳаҳои инфрасохтории нақлиёт, алоқа ва энергетика**
**4. Муаммоҳо ва роҳҳои баланд бардоштани рушди соҳаҳои инфрасохторӣ**

### 1. Моҳият ва вазифаҳои инфрасохтори бехатарии иқтисоди миллӣ.

Мафҳуми инфрасохтор аз калимаи лотинии infra –зер, поён struktura – сохтор, буда маънояш зерсохтор ва ё сохтори ёрирасон мебошад[1].

Дар ибтидои асри XX ин калимаро дар соҳаи ҳарбӣ ҳамчун калимаи иншоотҳои ҳарбӣ (базаҳои ҳарбӣ, анборҳои воситаҳои моддӣ, майдонҳои ҳарбӣ) истифода мешуд. Баъди солҳои 40-уми асри гузашта ин мафҳумро дар илми иқтисодиёти ғарб истифода мебурданд. Дар ибтидо ҳамчун комплекси соҳаҳои хоҷагӣ, ки ба саноат ва хоҷагии қишлоқ хизмат мерасонанд, ифода гашта буд. Бо мурури солҳо ин мафҳум васеъ гашта акнун ӯ на танҳо соҳаҳои истеҳсолотро, балки соҳаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар мегирад. Бинобар ин ҳамаи соҳаҳои дигар, ки барои рушди соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ – саноат ва кишоврзӣ шароитҳои умумии зарурӣ месохтанд, соҳаҳои инфрасохтори иқтисодиёти миллӣ ҳисоб карда мешуданд.

Аз ин ҷо, инфрасохтор – комплекси объектҳо ва сохторҳои бо ҳам алоқаманде мебошанд, ки барои рушди соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ шароитҳои умумии зарурӣ месозанд. Ба инфрасохтор соҳаҳои нақлиёт, сохтмон, алоқа, савдо, энергиятаъминкунӣ, обтаъминкунӣ, гармитаъминкунӣ, илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва дигар соҳаҳои хизматрасонӣ дохил мешаванд.

Ҳамаи соҳаҳои инфрасохторӣ ба 2 гурӯҳ ҷудо мешаванд: инфрасохтори истеҳсолӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ. Ба инфрасохтори истеҳсолӣ соҳаҳои сохтмон, нақлиёт, алоқа, савдо, энергиятаъминкунӣ, обтаъминкунӣ, гармитаъминкунӣ ва ба монанди инҳо дохил мешаванд. Ба инфрасохтори иҷтимоӣ соҳаҳои илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва дигар соҳаҳои хизматрасонӣ дохил мешаванд.

Дар нимаи дуюм, аниқтараш дар солҳои 50-ум ва аввали 60-уми асри 20-ум дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти ҷамъиятии дунё ба вуҷуд омаданд. Дар

[1] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

ин давра дар ҳаёти иқтисодии мамлакатҳои рушдёфтаи ҷаҳон ба ҷои иқтисодиёти индустриалӣ муносибатҳои иқтисодиёти баъдииндустриалӣ (ё иқтисодиёти ахборотӣ) ҳукмрон гаштанд. Дар ин марҳила дар сохтори иқтисодии мамлакатҳои рушдкарда ҳиссаи асосиро ҳам дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва ҳам дар шуғли аҳолӣ соҳаҳои хизматрасонӣ ишғол мекунанд. Инчунин дар бозори ҷаҳонӣ низ ва ҳатто дар байни мамлакатҳои ҷудогона муносибатҳои бозаргонӣ мувофиқи тадаботҳои иқтисодиёти баъдииндустриалӣ ҳалли худро меёбанд. Бозор дар ин маҳила бозори истеъмолкунандагон буд. Бинобар ин бисёр мамлакатҳои рушдкарда ва рӯй ба рушд оварда бо роҳи ҷаҳиш кардан суръати афзоиши иқтисодии худро мувофиқи тадаботҳои иқтисодиёти баъдииндустриалӣ тезониданд. Ҳиссаи соҳаҳои инфрасохторӣ дар ин марҳила ҳам дар сохтори маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва ҳам дар сохтори шуғли аҳолӣ баланд гашт[2].
Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳамаи мамлакатҳои рушдкарда ва рӯй ба рушд оварда барои таъмини рушди иктисодӣ ва иҷтимоии худ дар навбати аввал ба рушди соҳаҳои инфрасохторӣ диққати аввалиндараҷа медиҳанд. Бинобар ин аз ҷумла дар Тоҷикистон ҳам ба рушди соҳаҳои инфрасохторӣ имкониятҳои калон фароҳам оварда шудаанд. Ба ин рушди сохтмони нақлиётӣ, алоқа, истгоҳҳои хурду калони энергетикӣ, обанборҳо, мактабҳо, иншоотҳои тандурустӣ, фарҳангӣ ва ғайраҳо мисол шуда метавонанд.

Бояд қайд кард, ки сатҳи пасти рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи бисёр шаҳру ноҳиҳои минтақаҳои Тоҷикистон аз набудани роҳҳои нақлиётӣ, нарасидани энергияи электрикӣ, таъмин накардани об, набудани таълимгоҳҳо ва хизматрасониҳои тиббӣ дар сатҳи даркорӣ ва ба монанди инҳо соҳаҳои инфрасохторӣ сахт вобастагӣ дорад. Масалан, сари вақт нарасидани воситаҳои истеҳсолот ба корхонаҳои истеҳсолӣ ва маҳсулоти тайёр кардаи онҳоро ба бозори фурӯш расонида натавонистан ба рушди корхонаҳои истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо имконият намедиҳад. Мунтазам нарасидани энергияи электрикӣ рушди бисёр корхонаҳоро қатъ мегардонад. Аз набудани инфраструктураи обтаъминкунӣ бисёр корхонаҳои саноатӣ ва кишоварзӣ фаъолият карда наметавонанд ва бисёр дигар мисолҳо.

Дар навбати худ бояд қайд кард, ки на танҳо соҳаҳои инфрасохторӣ барои рушди соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ шароит месозанд, балки соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ ҳам барои рушди дигар соҳаҳо шароити умумии зарурӣ месозанд. Масалан, бе воситаҳои истеҳсолоти дар соҳаҳои саноат сохта шаванда ягон соҳаи дигар рушд ёфта наметавонад. Бе маводу ашёҳои аз маҳсулоти кишоварзӣ сохта шаванда бисёр соҳаҳои саноатӣ ва дигар соҳаҳо,

---

[2] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

аз ҷумла одамон, ки қувваи асосии истеҳсолкунандаанд ҳисоб мешаванд, рушд ёфта наметавонанд. Аз ин ҷо, саноат ва кишоварзӣ ҳам барои рушди дигар соҳаҳои ҷомеа шароитҳои умумии зарурӣ месозанд. Вале ҳангоми шарҳи соҳаҳои базавӣ ва инфрасохторӣ ҳиссаи онҳоро дар сохтани маҳсулоту хизматрасонии ниҳоӣ барои истеъмолкунанда ба эътибор гирифтан лозим меояд. Бо назардошти инҳо гуфтан мумкин аст, ки инфрасохтор – ин маҷмӯи соҳаҳое мебошанд, ки барои истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои тайёр барои истеъмолкунандагони ниҳоӣ ва таъмини фаъолияти ҳаётии ҷамъият шароити умумии зарурӣ месозанд. Чунин соҳаҳои созандаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тайёр барои истеъмолкунандагони ниҳоӣ асосан соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ мебошанд. Дигар соҳаҳои фаъолият барои онҳо шароити умумии зарурӣ месозанд. Рушди соҳаҳои инфрасохторӣ баъзе хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошад.

1. Сохтани инфрасохтор бисёр маблағталаб мебошад. Масалан, 1 килметр роҳи автомобилии муътадили магистралии сахт пушондашуда ба ҳисоби миёна на камтар аз 1,6-1,8 млн доллар меистад. Ҳамин тавр сохтмони дигар объектҳои нақлиётӣ, алоқа, обтаъминкунӣ, энергиятаъминкунӣ ва ғайраҳо. Бинобар ин ҳангоми сохтани соҳаҳои инфрасохторӣ дар баробари ин корҳо дар як вақт бояд чораҳои зарурии истифодабарии самараноки онҳо низ бояд кор карда шаванд, то ки дар муҳлати пешбинишудаи истифодабарии инфрасохтор онҳо пеш аз муҳлат корношоям нашаванд[3].

2. Барои сохтани объектҳои инфрасохтор истифодаи техникаи сохтмонии инфрасохторӣ дар аксар ҷойҳо бисёр душвор аст. Ин, албатта, сохтани объектҳои инфрасохторро мушкил мегардонад ва бештар вақт бо ҳамин сабаб нобаробар ҷойгиркунонии объектҳои инфрасохтор дар сарзамини мамлакат ба вуҷуд меояд. Масалан, таъмин карда натавонистани бисёр минтақаҳои деҳоти Тоҷикистон ва бисёр дигар хоҷагиҳои ба инфрасохтор эҳтиёҷмандбуда бо роҳҳои нақлиётии қаноатмандкунанда, бо об, бо энергияи электрикӣ ва ба монанди инҳо имкон намедиҳанд, ки ин ҷойҳо ва хоҷагиҳо рушди иқтисодӣ-иҷтимоии худро дар сатҳи қаноатбахш таъмин карда тавонанд.

3. Сохтмони объектҳои инфрасохторӣ метавонад зиёни экологӣ расонад. Масалан, дар натиҷаи сохтани объектҳои нақлиётӣ, обтаъминкунӣ, энергиятаъминкунӣ ва ғайраҳо масофаи зиёди замин барои дигар истифодабариҳо корношоям мешаванд, партовҳо аз истифодаи инфрасохтор муҳити атрофро вайрон мекунанд. Бинобар ин ҳангоми сохтан ва истифодабарии инфрасохтор муносибатҳои таъмини рушди устувори ҷамъият бояд риоя карда шаванд, яъне муҳити атроф вайрон карда нашавад

---

[3] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

ва барои насли оянда мероси зарурӣ боқӣ монда шавад.
4. Маҳсулот ва хизматрасониҳои соҳаҳои инфрасохторӣ метавонанд дар корхонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ба вуҷуд оварда шаванд. Вале таъминкунии маҳсулот ва хизматрасониҳои соҳаҳои инфрасохторӣ асосан молҳое мебошанд, ки бе онҳо дигар соҳаҳои ҷамъият фаъолият карда наметавонанд. Бинобар ин таъминкунии маҳсулот ва хизматрасониҳои соҳаҳои инфрасохторӣ молҳои ҳаётан муҳим ҳисоб мешаванд ва онҳо моликияти табиии давлат мебошанд. Хариду фурӯши таъминкунии маҳсулот ва хизматрасониҳои соҳаҳои инфрасохторӣ дар бозори монополияи соф мегузаранд, ки дар ин бозор танҳо як фурӯшанда аст – ин ҳам давлат мебошад ва доду гирифт дар ин бозор на бо нархи бозорӣ, балки бо нархи ягонаи муқарраркардаи давлат мегузарад.
5. Хароҷотҳо ва фоида аз таъминкунӣ ва истифодабарии маҳсулот ва хизматрасониҳои соҳаҳои инфрасохторӣ бевосита ва бавосита муайян карда мешаванд. Бевосита барои фаъолияти худи соҳаҳои инфрасохторӣ истифода мешавад, то ки онҳо фаъолияти рақобатпазирии худро таъмин карда тавонанд. Бавосита дар миқёси давлат ҳисоб када мешавад. Дар ин ҷо фоида аз истифодабарии таъминкунии маҳсулот ва хизматрасониҳои соҳаҳои инфрасохторӣ ба воситаи соҳаҳое муайян карда мешавад, ки онҳо бо истифодаи маҳсулот ва хизматрасониҳои таъминкардаи соҳаҳои инфрасохторӣ фаъолияти самараноки худро ба роҳ мемонанд, натиҷаҳои баланд мегиранд ва пардохтҳое, ки онҳо ба давлат дар шакли андоз ва дигар пардохтҳо мекунанд, хароҷотҳои буҷети давлатро барои нигоҳдории соҳаҳои инфрасохторӣ садкаратаҳо пушонида боз фоидаи барзиёд меоранд[4].
6. Дар фаъолияти самараноки соҳаҳои инфрасохтории муосир омили муҳимтарин – омили инсонӣ мебошад. Маҳз одамон бо донишу малакаи баланди худ метавонанд муъҷизаҳои ҳайратоварро офаранд ва сатҳи баланди технологияи соҳаҳои инфрасохтории ватании худро таъмин намоянд. Бо ин мақсад ба баланд бардоштани потенсиали интеллектуалии одамони соҳаҳои инфрасохторӣ диққати аввалиндараҷа додан лозим меояд.

Дар айни ҳол ба соҳаҳои инфрасохтори иқтисоди миллӣ дохил мешаванд: сохтмони роҳҳо, каналҳо, бандаргоҳҳо, купрукҳо, аэропорт, хочагиҳои барқӣ, нақлиёт, алоқа, таъминоти об ва канализатсия, анборҳо, иншоотҳои варзишӣ, илм ва маориф, тандурустӣ ва умуман корхонаҳое, ки ба аҳолӣ хизмат мерасонанд[5].

---

[4] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.
[5] Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.

Ҳамин тавр инфрасохтори иқтисоди миллӣ –маҷмӯи соҳаҳои иқтисодӣ, корхонаҳо ва ташкилтҳое мебошанд, ки шароитҳоро барои амалӣ гардонидани истеҳсолот ва фаъолияти одамон ташкилу таъмин менамояд. Яъне ба инфрасохтори иқтисоди миллӣ объектҳои моддӣ-техникӣ, ки фанкцияҳои асосиро дар соҳаҳои гуногун таъмин мекунад, дохил мегардад.

Бояд қайд намуд, ки аз мафҳуми инфрасохтор ду хусусияти он бармеояд:

1) Инфрасохтор барои таъмини иҷроиши функсияҳо дар якчанд соҳаҳо равона карда мешавад, яъне у дорои хусусияти байнисоҳавӣ мебошад. Аз ин ҷо бармеояд, ки у функсияҳои интегратсионӣ (ҳамгироӣ) байни соҳаҳои истеҳсолот, ноҳияҳо, давлатҳоро иҷро мекунад;

2) Инфрасохтор неъматҳои моддӣ истеҳсол намекунад ва у функсияҳои таъминотиро иҷро мекунад. Хулоса, инфрасохтор соҳаи алоҳида иқтисоди миллӣ, ки ба истеҳсолот ва фаъолияти одамон хизмат мерасонад.

## 2. Таснифот (гурӯҳбанди)-и инфрасохтор.

Инфрасохторро аз рӯи аломатҳояш ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

I. Аз рӯи аломати фаъолияти одамон: инфрасохтори истеҳсолӣ (фаъолияти истеҳсолӣ, истеҳсоли неъматҳои истеҳсолӣ ва истеҳсоли неъматҳои истеъмолӣ). Умуман инфрасохтори истеҳсоли маҷмуи соҳаҳое, ки истеҳсоли воситаҳои истеҳсолӣ ва истеҳсоли воситахои истеъмолиро дар ҷараёни интиқол, гардиш, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулот шароитҳои умумӣ фароҳам меорад[6].

Вазифаи чунин инфрасохтор ташкил намудани шароитҳои зарурӣ барои нигоҳдории ҷараёни такрористеҳсолӣ ҷамъиятӣ мебошад. Вақт, меҳнати муомилотро дар ҷараёни истеҳсолот кӯтоҳ мекунад, гарчанде ки дар ин чо маҳсулоти ниҳоӣ истеҳсол карда нашавад, аммо меҳнати сарфакардашуда ба арзиши аслии маҳсулот таъсир мерасонад ва даромади миллӣ зиёд мегардад. Ба инфрасохтори истеҳсолӣ дохил мешавалд: нақлиёт (коммуникатсияи нақлиётӣ), хоҷагии энергетикӣ (коммуникатсияи энергия), алоқа (коммуникатсияи ахборотӣ), таъминоти об ва канализатсия, таъминоти моддӣ-техникӣ ва ғайра.

Ба инфрасохторӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд – фаъолиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақсимот ва муомилот,

[6] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

хизматрасониҳои истеъмолӣ, тандурустӣ, идора, маориф, илм, таъминоти об, санитария ва хоҷагии манзилию коммуналӣ ва ғайра[7].

II. Дар айни ҳолл чунин шаклҳои инфрасохтор дар назария кор карда шудааст: инфрасохтори истеҳсолӣ, инфрасохторӣ иҷтимоӣ, инфрасохтори бозорӣ, инфрасохтори туризм ва варзиш, инфрасохтори илмӣ-техникӣ, инфрасохтори ҳарбӣ ва ғайра.

III. Инфрасохтор аз рӯи масштаб ба намудҳои зерин ҷудо карда мешавад: инфрасохтори байналхалқӣ, инфрасохтори давлатҳо, инфрасохтори ноҳияҳо, инфрасохтори шаҳракҳо, инфрасохтори маҳалҳо ва ғайра.

Ташкилёбии инфрасохтор худ аз худ фоида намеорад. Чӣ қадаре ки дараҷаи инкишофи инфрасохтор баланд бошад, ҳамон кадар зудтар сармоя дохил гардида қувваи корӣ дохил мегардад, рушди иқтисодӣ мафзояд, сатҳи зиндагии аҳолӣ баланд мегардад. Ва баръакс чӣ қадаре, ки инфрасохтор суст ба роҳ монда бошад, ҳамон кадар истеҳсолот суст инкишоф меёбад ва зиндагии мардум вазнинтар гардида мардум маҷбур мешаванд ба ҷустуҷеи кор ба шаҳрҳои Руссия, давлатҳои Араб, давлатҳои Ғарб ва ғайра. сафар кунанд.

### 3. Тавсифи соҳаҳои инфрасохтории нақлиёт, алоқа ва энергетика.

Рушди инфрасохтор (нақлиёту алоқа), энергетика ва саноат дар Тоҷикистон имкон медиҳад, ки барои рушди устувор ва баланди иқтисодии кишвар ва тавассути он паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ асосҳои моддӣ фароҳам оварда шавад. Ҳамзамон рушди онҳо барои афзоиши шуғли дохилӣ шароит фароҳам оварда, дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои ҳам худӣ ва ҳам дигар хизматрасониҳои иҷтимоиро барои аҳолӣ (таъминот бо об, санитария, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, экология) баланд мебардорад, ки онҳо мустақиман ба сатҳи татбиқи ҳамаи вазифаҳои рушд дар Тоҷикистон алоқаманд мебошанд[8].

***Нақлиёт*** соҳаи алоҳидаи иқтисоди миллӣ буда маҷмӯи интиқоли роҳҳо, тамоми намудҳои воситаи нақлиёт, иншоотҳо, ки ҷараёни ҳаракати одамон ва боркашониро таъмин мекунанд. Элементҳои муҳими инфрасохтори Тоҷикистон аз нақлиёти роҳи оҳан (беш аз 80 фоиз аз ҳаҷми умумии муомилоти моли савдои хориҷӣ, тақрибан 50 фоизи сафари муҳоҷирини меҳнатӣ ба Россия, ҳамлу нақли беш аз се як қисми ҳамаи

[7] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.
[8] Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.

молҳо), автомобилӣ (беш аз 95 фоизи боркашониҳои дохилӣ) ва нақлиёти авиатсионӣ, инчунин соҳаи алоқа иборат мебошад.

Дар давраи баъд аз Шӯравӣ фаъолияти *Роҳи оҳани Тоҷикистон* (РОТ) таҳтиислоҳоти ночиз қарор гирифта, барои барқарорсозӣ ва азнавтаҷҳизонӣ ба маблағгузории назаррас эҳтиёҷ дошт. Мутобиқи маълумоти мавҷуда дар солҳои 1995-2002 маҳсулнокии Роҳи оҳани Тоҷикистон аз сабаби ду маротиба таназзул ёфтани ҳаҷми ҳамлу нақл ва 20 фоиз афзоиш ёфтани кормандон то 60 фоиз кам гардид. Сатҳи ҳосилнокии меҳнат низ ба як коргари Роҳи оҳани Тоҷикистон нисбат ба дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ камтар мебошад[9].

Дар ҳамлу нақл тавассути ***нақлиёти ҳавоӣ*** Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» афзалият дорад, ки асосан бо базаи тайёраҳои кӯҳна, хадамоти ёрирасон (базаи таъмир, тринажёр ва системаи таълим), инфраструктураи фурӯдгоҳҳо, инчунин хадамоти идоракунии ҳаракати ҳавоӣ ва иншооти статсионарии кӯҳна фаъолият менамояд. Сатҳи истифодаи тайёраҳо вобаста ба хароҷоти баланд ва афзоиши нарх барои сӯзишворӣ ниҳоят паст буда, аз ин рӯ ҳоло ҷиҳати иваз намудани онҳо бо тайёраҳои истеҳсоли кишварҳои ғарб тадбирҳо андешида мешаванд.

***Алоқа*** – маҷмӯи коммуникатсияҳои намудҳои гуногун барои интиқоли ахборот мебошад ва чунин намудҳои алоқа вучуддоранд: почтавӣ, алоқаи электрикӣ – радио, телевизион, кабелӣ, телефонӣ ва ғ. ***Бахши алоқа*** бо дарназардошти ғунҷоиши ками нақлиётӣ, меҳнатталабии зиёд ва сатҳи баланди дурнамои инкишофи бахши мазкур дар бозори ҷаҳонӣ барои рушди минбаъда ояндадор ба назар мерасад. Дар айни замон корҳо оид ба иваз намудани стансияҳои ҳаммонанди телефонии кӯҳна ба стансияҳои нави автоматии рақамӣ иваз карда шудаанд. Сатҳи шабакаҳои насбшуда дар ҷумҳурӣ ба рақамӣ ивазшуда 91,2 фоизро ташкил медиҳад.

Минтақаи пахши барномаи телевизиони миллӣ 98 фоизи аҳолиро фаро мегирад. Алоқаи почта дорои шабакаи васеи корхонаҳо буда, вале аз сабаби зиёноварӣ таҳти дотатсияи давлат қарор дорад.

***Энергетика.*** Рушди ояндаи Тоҷикистон ва паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста мебошад, ки дар иқтисоди кишвар захираҳои энергетикӣ то чӣ андоза самарабахш истифода мегарданд. Рушди энергетика имкон медиҳад на танҳо ҳаҷм ва сифати хизматрасонӣ барои дигар бахшҳои истеҳсолӣ, ки дар айни замон аз сабаби норасоии қувваи барқ бо иқтидори нопурра фаъолият мекунанд, афзояд, инчунин ба

---

[9] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

баланд бардоштани сатҳи дастрасии хизматрасонии энергетикӣ барои аҳолӣ мусоидат хоҳад кард[10].

Системаи электроэнергетикии кишвар воқеан аз се зерсистемаҳои алоҳида иборат аст, ки дар Вилояти Суғд, дар Ҷануби кишвар (аз ҷумла Вилояти Хатлон, ш.Душанбе ва НТБ) ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мавҷуданд. Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди гидроэнергетикӣ буда, аз ин ҷо 55 фоизи захираҳои минтақаи Осиёи Марказӣ сарчашма мегиранд. Захираҳои умумии имконпазири гидроэнергетикии кишвар 527 млрд кВт.соат дар як сол мебошад (асосан дар ҷануби кишвар). Сатҳи имрӯзаи истеҳсоли қувваи барқ аз нерӯи нигоҳи техникӣ истифодашуда 6.5 фоизро ташкил медиҳад. Дар сохтори балански сӯзишворию энергетикии кишвар захираҳои гидроэнергетикӣ беш аз 90 фоиз мебошад. Нерӯи назарраси гидроэнергетикии кишвар имкон медиҳад, ки содироти қувваи барқ ва рушди истеҳсолоти энергияталаб зиёд гардида истодааст.

Дар айни замон дар як сол 21 -23 млрд кВт.соат қувваи барқ истеҳсол мешавад, ки тақрибан 99 фоизи он обӣ мебошад. Қисми асосии ин қувва дар НОБ-и Норак, Сангтудаи 1-Сангтудаи 2 инчунин як қисми Роғун ва дигар НОБ хурду миёнаву калон истеҳсол мегардад, ки он дорои обанбори ҳаҷман хурд буда, имкон намедиҳад, ки иқтидорҳои мавҷуда пурра истифода бурда шаванд. Афзалияти асосии қувваи барқе, ки дар НОБ-и Норак истеҳсол мегардад, ин арзиши аслии он мебошад (0.3 сенти ИМА), ки ҳанӯз дар давраи Шӯравӣ хароҷоти инвеститсионии он пӯшонида шуда буд.

Мушкилотҳои асосии инфрасохтор аз инҳо иборатанд:

• мавҷудияти монеаҳои назарраси маъмурӣ барои рушди бахши хусусӣ, маҳдуд будани хизматрасонии ташкилотҳои нақлиётию экспедиторӣ;

• афзоиши нарх барои ҳалли энергия, заминаи сусти моддию техникӣ, ки бо вуҷуди имкониятҳои ниҳоят маҳдуди буҷетӣ ҷиҳати барқарорсозӣ ва рушд ба воситаҳои назарраси молиявӣ эҳтиёҷ дорад.

Гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ ҷиҳати таҳкими заминаи ҳуқуқӣ барои анҷом додани фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар бахши инфраструктура, баланд бардоштани нерӯи онҳо, инчунин кам кардани монеаҳои маъмурӣ андешидани маҷмӯи тадбирҳоро пешбинӣ менамояд. Ба Ассотсиатсияи боркашонҳои байналмилалии автомобилӣ фароҳам овардани мақоми мустақил ва муҳайё сохтани ҳавасмандгардонӣ барои оддигардонии дастрасии ширкатҳои нақлиётии хориҷӣ ба бозори миллӣ дахолати давлатро ба бозори хизматрасониҳои нақлиётии байналмилалӣ маҳдуд гардонида, имкон

[10] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.

медиҳад ҳаҷм ва сифати чунин хизматрасониҳо баланд бардошта шавад. Бо дарназардошти сатҳи баланди хароҷоти давлат барои таъсиси объектҳои нави нақлиётӣ омӯзиши масъалаи истифодаи пулакии қитъаҳои алоҳидаи роҳҳои автомобилгард ва шояд ҷорӣ намудани он имкон медиҳад, ки хароҷоти давлат қисман пӯшонида шавад[11].

## 4. Муаммоҳо ва роҳҳои баланд бардоштани рушди соҳаҳои инфрасохторӣ

Вазифаи баланд бардоштани самарабахшии истифодаи захираҳои мавҷудаи инфраструктура ҷиҳати дар шароити маҳдуд будани имкониятҳои давлат беҳтар ташкил намудани баҳисобгирӣ ва истифодаи судманди амволи давлатӣ нигаронида шудааст. Вазифаи мазкур оид ба инвентаризатсияи (шиносномадиҳии) объектҳои нақлиётӣ ва мушаххасгардонии ҳуқуқи моликият ба онҳо, ки дар навбати аввал ба азнавташкилдиҳии корхонаҳои кишоварзӣ ва ба миён омадани роҳҳои автомобилгард алоқаманданд буда, тадбирҳоро дар бар мегирад. Ҳамзамон мутобиқи Стратегияи хусусигардонӣ таҳия ва татбиқи нақшаҳои инфиродии азнавташкилдиҳии корхонаҳои бузурги инфраструктурӣ – Роҳи оҳани Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр», ҶСК «Тоҷиктелеком» ва ҶСК «Телерадиоком» пешбинӣ гардидааст.

Вазифаи пешбурди лоиҳаҳои татбиқшаванда ва нави инфраструктуравии инвеститсионӣ ниҳоят муҳим мебошад. Он ба арзёбии иҷрои корҳои сохтмони роҳҳои автомобилгард нигаронида шудааст, ки ҳам дастрасии дохилии байнибминтақавӣ ва ҳам баромади кишварро аз бумбасти нақлиётӣ таъмин менамояд[12]. Дар он вобаста ба афзоиши нарх ба маҳсулоти нафт гузаронидани нақлиёт ба манбаҳои алтернативии энергия дар назар дошта шудааст, ки ба беҳбуди таъмини нақлиёт бо сӯзишворӣ мусоидат хоҳад кард. Ҳамчунин дастгирии фаъолияти Роҳи оҳани Тоҷикистон ва Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» оид ба беҳбуди заминаи моддию техникӣ пешбинӣ мегардад. Масъалаҳои сохтмони роҳи автомобилгард бо Афғонистон, ки дастрасиро ба Эрон ва Покистон таъмин менамояд, мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт. Як гурӯҳи тадбирҳо ба пешбурди лоиҳаҳо дар бахши алоқа марбутанд.

Барои таъмини баланд бардоштани самарабахшии истифодаи захираҳои *мавҷуда* ҷиҳати азнавташкилдиҳии корхонаҳои азими энергетикӣ -

[11] Тағоев Ҷ.Ҳ. Асосҳои микромолиякунонӣ (Воситаи таълим). – Душанбе: «Ирфон», 2006. -144 с.

[12] Государственное регулирование национальной экономики: учебное пособие /Е.В. Харченко, Ю. В. Вертакова. -5-е изд., перераб. И доп. – М.: КНОРУС, 2011. -328 с

«Барқи тоҷик» ва «Тоҷикгаз» тадбирҳо пешбинӣ гардиданд. Татбиқи барномаҳои сохтмони НОБ-ҳои хурд имкон медиҳад, ки ноҳияҳои дурдасти кишвар бо сатҳи баланди камбизоатӣ бо қувваи барқ беҳтар таъмин карда шаванд. Махсусан ба масъалаҳои кам кардани талафоти энергетикӣ, инчунин талафот аз ҷониби истеъмолкунандагон таваҷҷӯҳи хос зоҳир мегардад.

Тавсеаи дастрасӣ ба шабакаҳои тақсимкунандаи ҶШК «Барқи Тоҷик» имкон медиҳад, ки истифодабарандагони нав низ бо қувваи барқ таъмин гарданд. Сохтмони объектҳои нави энергетикӣ (НОБ-ҳои Сангтӯда-1 ва 2, навбати аввали НОБ-и Роғун) дар доираи лоиҳаҳои амалкунандаи инвеститсионӣ имкон медиҳад таъминоти истифодабарандагон бо қувваи барқ (махсусан дар фасли зимистон) ниҳоят беҳбуд ёбад, инчунин қувваи барқи зиёдатӣ дар фасли тобистон содир карда шавад. Дар назар дошта шудааст, ки имконпазирии ба ангишт гузаронидани таъминот бо гармӣ мавриди омӯзиш қарор гирад ва як лоиҳаи инвеститсионӣ дар бораи сохтмони стансияи ангиштии барқӣ пешниҳод карда шавад.

Барои пешбурди (пешниҳоди) лоиҳаҳои амалкунанда ва нави инвеститсионии автомобили ва энергетикӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мегардад. Тадбирҳои пешбинигардида на танҳо ба таҷдид, инчунин ба баланд бардоштани самарабахшии объектҳои амалкунандаи гидроэлектроэнергетикӣ, инчунин сохтмони НОБ-ҳои нав ва азнавсозии корхонаҳои ангишт нигаронида мешаванд. Сохтмони хати интиқоли барқи «Ҷануб-Шимол» имкон медиҳад, ки вобастагии Вилояти Суғд аз содироти қувваи барқ камтар гардад. Ҳамзамон пешниҳоди лоиҳаҳои инвеститсионӣ оид ба сохтмони хатҳои интиқоли барқи содиротӣ барои дигар кишварҳои минтақа имкон медиҳад, ки бозори фурӯши қувваи барқи зиёдатии истеҳсолшаванда тавсеа ёбад.

**Адабиёти истифодашуда:**

1. Государственное регулирование национальной экономики: учебное пособие /Е.В. Харченко, Ю. В. Вертакова. -5-е изд., перераб. И доп. – М.: КНОРУС, 2011. -328 с

2. Қодиров Ш.Ш. Назарияи иқтисодӣ: иқтисоди миллӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ: Китоби дарсӣ –Душанбе: Амри илм, 2001. -134 с.

3. Национальная экономика: Учебник /Под. ред. Общ. ред. Р.М. Нуреева. –М.: ИНФРА-М, 2009.

4. Тағоев Ҷ.Ҳ. Асосҳои микромолиякунонӣ (Воситаи таълим). – Душанбе: «Ирфон», 2006. -144 с.

5. Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.

6. Ҳакимов А.Ҳ., Шодиева Т.Г., Каримова М.Т., Қодиров Д.Б., Муминова Ф.М. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 276 с.

7. Ҳакимов Ҳ.А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2007. - 488 с.

8. Ҳакимзода А., Раҷабов Қ. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Китоби дарсӣ.- Душанбе «Ирфон», 2009. - 467 с.

9. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 548с.